# ҚАРОРИ

шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон

21 июни соли 2023 №68 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D 010300 – педагогика ва психология (13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст; баромади муқарризони расмӣ: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Ассадуллоев Раҳматтулло Давлатович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ; баромади аъзои шурои диссертатсионӣ: Мухаметов Гапур Бабаевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Рӯзиева Лола Толибовна - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, Шербоев Сидбой - доктори илмҳои педагогӣ ва Раҳимзода Хуррам - доктори илмҳои педагогӣ, профессрро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи унвонҷӯ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D 010300 – Педагогика ва психология (13.00.01 - Педагогикаи

умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.

2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дипломи номзади илмҳои педагогиро диҳад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, д.и.п. Каримзода М.Б.

*“Имзои Ф. Гулмадов ва М.Б. Каримзодаро тасдиқ мекунам”*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ